Сабук кардани тағйирёбии иқлим

Асари (изи) карбон



62	**Манбаъи асосии партоби газҳои гулхонаии вобаста ба фаъолияти инсон:**
А	**буридани ҷангалҳо;**
Б	**Нақлиёти автомобилӣ;**
В	**истеҳсол ва масрафи энергия;**
Г	**кишоварзӣ.**

63	Кадом кишвар миқдори зиёди газҳои гулхонаиро ба ҳаво партоб мекунад?
А	ИМА;
Б	Чин;
В	Русия;
Г	Британияи Кабир.

64 Кадоме аз манбаъҳои номбаршудаи энергия тағдиднашаванда мебошад?

А	Мадду ғазрҳои баҳр
Б	сӯзишвории биологӣ;
В	нафт;
Г	энергияи офтобӣ.

65	**Кадоме аз манбаъҳои номбаршудаи энергия маводи хоми карбогидрид намебошад?**
А	**Уран;**
Б	**гази табиӣ;**
В	**торф;**
Г	**ангишти қаҳваранг.**

66	Ба кадом манбаъи энергия бояд бештар аз ҳама дар дунё масрафи энергия рост меояд?
А	Гази табиӣ;
Б	равған;
В	ҳезум;
Г	Энергияи бод

67 Ҳангоми истифода бурдани кадоме аз манбаъҳои номбаршудаи энергия партоби газҳои гулхонай ба андозаи ҳадди ақал мебошад?

А Ангишти қаҳвай;

Б гази табий;

В энергияи офтоб;

Г нафт.

68 Кадом манбаъи энергия дар муқоиса бо воҳиди энергияи истеҳсолшуда бештар аз ҳама гази гулхонаӣ партоб мекунад?

А Ангишт;

Б Энергияи офтобӣ;

В нафт;

Г Гази табиӣ.

69 **Кадом модда аз нафт истеҳсол карда намешавад?**

А	шиша;
Б	резина;
В	пластмасса;
Г	газ.

70 **Маркази гармидиҳӣ аз нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ чӣ фарқ мекунад?**

А	**Дар маркази гармидиҳӣ об гарм карда мешавад ва дар нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ —нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад.**
Б	**Дар маркази гармидиҳӣ барои шаҳрҳои калон, дар нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ - барои шаҳрҳои хурд ва шаҳракҳо нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад .**
В	**Дар маркази гармидиҳӣ гармӣ ва нерӯи барқ ва дар нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ —танҳо нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад.**
Г	**Маркази гармидиҳӣ – ин истгоҳи марказии тақсимотӣ мебошад, ки энергияро аз шабакаи нисбатан калони нерӯгоҳи ҳароратӣ мегирад.**

71 **Мушкили асосии нерӯгоҳҳои атомӣ чист?**

А	**Онҳо бештар аз ҳама гази карбон хориҷ мекунанд**
Б	**Онҳо пасмондҳои хатарноки радиоактивӣ эҷод мекунанд, хатари рӯй додани садамаҳои фоҷеабор вуҷуд дорад.**
В	**Интихоб кардани макони муносиб барои сохтмони истгоҳҳо душвор аст.**
Г	**Сӯзишвории ядроӣ дар зери замин тақрибан боқӣ намондааст.**

72	Паркҳои бодии оффшорӣ сохта мешаванд дар:
А	дар хушкӣ дар дарозои хатти соҳилӣ;
Б	дар миёни уқёнус;
В	дар кӯҳҳо;
Г	дар баҳр начандон дур аз соҳил.

73	Оё биомасса манбаи тағдидшавандаи энергия ҳисобида мешавад?
А	Не, охир боқимондаҳои организмҳои қадимӣ дар қаъри пӯстаи замин ивазшаванда нестанд
Б	Не, охир энергияи он ҳангоми сӯхтан ба нерӯи барқ табдил меёбад.
В	Бале, охир энергия нопадид шуда наметавонад.
Г	Бале, охир рустаниҳо боз месабзанд.

74	Дар Бразилия 1/5 қисми сӯзишвории автомобилӣ истеҳсол карда мешавад аз:
А	Пӯстаи бананаҳо;
Б	донаҳои қаҳва;
В	найшакар;
Г	равғани норҷил (кокос).

75 Кадоме аз истгоҳҳои барқӣ бо гидроэнергетика алоқа надорад?

А нерӯгоҳи барқи обӣ;

Б нерӯгоҳи давлатии ноҳиявӣ (ГРЭС);

В нерӯгоҳи гидроаккумулятсионӣ (ГАЭС);

Г Нерӯгоҳи мадду ҷазрӣ (ПЭС)

76	**Дар кадоме аз ин кишварҳои аврупоӣ, ки дорои фаъолнокии вулқонӣ мебошад, 1/3 ҳамаи энергияи барқӣ дар нерӯгоҳҳои геотермалӣ истеҳсол карда мешавад?**
А	**Дар Испания;**
Б	**дар Италия;**
В	**дар Исландия;**
Г	**дар Ирландия.**

77	Чанд ҳиссаи ҳаҷми умумии нерӯи барқи дар ҷаҳон истеҳсолшаванда ба манбаъҳои таҷдидшаванда (аз ҷумла нерӯгоҳи барқи обӣ) рост меояд?
А	Камтар аз 5 %;
Б	10 %;
В	15 %;
Г	Бештар аз 20 %.

78	Кадом кишвар дар ҷаҳон нахустин шуда зиёда аз 40% нерӯи барқи худро аз нерӯгоҳҳои бодӣ истеҳсол мекунад?
А	Австралия;
Б	Дания;
В	ИМА;
Г	Британияи Кабир.

79 Дар кадом шаҳр истифода кардани энергияи офтоб самараноктар аст?

А	Дар Қоҳира;
Б	дар Осло;
В	дар Лондон;
Г	дар Москва.

80	Дар кадом кишвар нахустин нерӯгоҳи мадду ҷазрӣ дар ҷаҳон сохта шудааст?
А	дар Ҷопон;
Б	дар Британияи Кабир;
В	дар Фаронса;
Г	дар ИМА.

81 Аломати "Синфи А" дар асбобҳои барқии истеҳсолшуда дар Иттиҳодиям Аврупо чӣ маъно дорад?

А Дастгоҳҳо дар заводҳои сарфакунандаи энергия истеҳсол карда шудаанд.

Б Маҳз ин дастгоҳҳо аз ҳама безарар дар хона мебошанд.

В Дастгоҳҳо иқтидори бештар доранд.

Г Дастгоҳҳо камтар нерӯи барқ масраф мекунанд.

82 Дастгоҳҳои тепловизор кадом нишондиҳандаҳоро чен мекунанд?

А Талафоти гармӣ дар лӯлаҳои хонаҳои маскунӣ ва ҷамъиятӣ;

Б тақсимоти ҳарорати ҳамаи сатҳҳо, барои мисол деворҳои хона;

В партобҳои гази карбон аз аз корхонаҳои саноатӣ;

Г масрафи гармӣ барои гарм кардани утоқҳо.

83	Кадом амалҳо барои баланд бардоштани ҳарорат дар дохили уток аз ҷиҳати экологӣ дуруст нестанд?
А	Истифода а з гармкунакҳои барқӣ;
Б	истифода аз инъикоскунандаҳои гармӣ дар пушти радиаторҳои гармидиҳанда;
В	бо қабати гармкунандаи пӯшонидани дари даромад;
Г	Муҳкам кардани тарқишҳо дар чорчӯби тиреза.

84	**Чаро барои равшанкунӣ истифода кардан аз фурӯзонакҳои светодиодӣ афзалтар аст, ҳарчанд онҳо аз фурӯзонакҳои каммасраф гаронтар ҳастанд?**
А	**Онҳо тарҳи бештар рангоранг доранд, ки ба намудҳои гуногуни фурӯзонакҳо мувофиқат мекунанд.**
Б	**Онҳоро ба контейнерҳои муқаррарии зубола (партов) партофтан мумкин аст ва ҳеҷ гуна қоидаҳои махсуси нобудкуниро талаб намекунад.**
В	**Дар онҳо симоби хатарнок мавҷуд нест ва онҳо камтар энергия масраф карда, муддати тӯлонӣ хидмат мекунанд.**
Г	**Онҳоро шикастан ғайриимкон аст, зеро онҳо аз пластикаи махсусан қавӣ сохта шудаанд.**

85 **Асари карбон чист?**

А	**Партобҳои гази карбон ба атмосфераи сайёра аз ҳамаи корхонаҳои саноатӣ.**
Б	**Маҷмӯи захираҳои карбон дар ҷангалҳои Замин.**
В	**Маҷмӯи партобҳои ҳамаи газҳои гулхонаӣ , ки аз ҷониби инсон, ташкилот, чорабинӣ, маҳсулот, шаҳр, давлат мустақим ё ғайримустақим партофта мешаванд.**
Г	**Захираҳои карбон, ки дар ҷараёни сӯхтани нафт ва гази табиӣ барои истеҳсоли нерӯи барқ ба гази карбон табдил мешаванд.**

86 **Эквиваленти CO_2 чист?**

А	**Ҳачми гази карбон, ки аз тарафи чанд корхонаю ташкилотҳо ба атмосфера партофта мешавад.**
Б	**Ҳаҷми сарфаҷӯии сӯзишворӣ, ки барои касби гармӣ дар биноҳо масраф мешавад.**
В	**Муқоисаи ҳар навъи газ бо CO_2 аз рӯи таъсир ба иқлим.**
Г	**Ҳаҷми ҳамаи газҳои гулхонай, ки аз ҳар гуна фаъолият хориҷ мешаванд, барои осонии ҳисоб ва дарк дар муқоиса бо ҳаҷми гази карбон.**

87 Чӣ ба мо кумак мекунад, ки самаранокии энергетикии дастгоҳҳои хонагиро муайян кунем?

А Барчасбҳои (тамғаи) самаранокии энергия;

Б Нишондодҳои ҳисобкунаки барқ;

В муҳлати хидмати дастгоҳ;

Г маводе, ки дастгоҳ аз он истеҳсол карда шудааст.

88	Чӣ гуна инсон ё ширкат метавонад асари (изи) карбони худро ҷуброн кунад?
А	Дастгоҳҳои нави каммасрафи энергияро интихоб кунад;
Б	дастгоҳҳо ва фурӯзонакҳоро хомӯш кунад, вақте онҳо истифода намешаванд;
В	кам кардани шумораи дастгоҳҳои равшаникунанда;
Г	Шинонидани ниҳол.

89	**Миқдори бештари партоби газҳои гулхонаӣ ба кадом намуди нақлиёт рост меояд?**
А	**Роҳи оҳан;**
Б	**баҳрӣ;**
В	**ҳавонавардӣ;**
Г	**автомобилӣ.**

90	"Карпул" чист?
А	Навъи нави автомобил бо батареяи офтобӣ;
Б	Сафарҳои якҷоя дар мошин бо ҳамсафарон;
В	Стандарти экологӣ барои муҳаррикҳои автомобилӣ;
Г	Таваққуфгоҳҳои махсус барои мошинҳо электрики.

91	Кадом тарзи ҳаракат дар шаҳр дӯстона ба иқлим аст?
А	Нақлиёти ҷамъиятӣ, масалан автобус;
Б	нақлиёти шахсӣ, вале бо масрафи ками сӯзишворӣ;
В	дучарха;
Г	карпул – сафарҳои якҷояи чанд нафар дар як мошин ба ягон ҷой , масалан ба кор.

92	Хонаи фаъол - ин хонаест, ки дар он:
А	Энергия масраф намешавад;
Б	энергия истеҳсол карда мешавад;
В	ҳама чиз бо низоми компютерӣ идора карда мешавад;
Г	фаъолони ҳаракати экологӣ зиндагӣ мекунанд.

93	Хонаи ғайрифаъол дар кишварҳои шимолӣ хонаест, ки:
А	Энергия масраф намекунад;
Б	Хеле хуб гарминигаҳдоранда карда шудааст ва қариб энергияро талаф намекунад;
В	Ба меъёрҳои сохтмон мувофиқат намекунад;
Г	Аз хидмати идоракунии компютер истифода намекунад

94 **Гармӣ аз хона аз ҳама зиёдтар хориҷ мешавад аз:**

А	**фарш;**
Б	**тирезаҳо;**
В	**деворҳо;**
Г	**Сақф /шифт.**

95	Кадом зубола (партов) замони тӯлонитар тачҳзия мешавад?
А	Коғаз;
Б	пасмондҳои ғизо;
В	пластика;
Г	оҳан.

96	**Бо кадом ҷузвдон (сумка) барои харид ба мағоза рафтан беҳтар аст, то асари (изи) карбони худро кам кунед?**
А	**Ҷузвдон лозим нест: дар мағоза халтачаи (пакети) якбормасрафи полиэтиленӣ метавон харид.**
Б	**бо халтачаи (пакети) полиэтилении худ;**
В	**бо халтачаи (пакети) коғазии худ;**
Г	**бо халтачаи (пакети) катонӣ ё пахтагин.**

97	**Кадом маҳсулоте, ки шумо бо волидонатон мехаред, камтарин асари (изи) карбонро доранд?**
А	**Маҳсулоти истеҳсоли маҳаллӣ;**
Б	**маҳсулоти истеҳсолшуда дар дигар минтақаи кишвар;**
В	**Маҳсулоти аз кишварҳои ҳамсоя овардашуда;**
Г	**маҳсулоти экзотикӣ аз кишварҳои дур.**

98	Кадом маслиҳат барои истифодаи каммасрафи дег (кастрюл) дуруст аст?
А	Таҳи дег бояд доирашакли кaчшуда бошад
Б	сарпӯш бояд баста бошад;
В	Таҳи дег бояд аз даҳона каме хурдтар бошад;
Г	Даҳони дег бояд ҳамеша кушода бошад.

99 **Дар кадом кишвар нахустин дар ҷаҳон хонаи фаъол сохта шуд?**

А	**Чин;**
Б	**Дания;**
В	**Испания;**
Г	**ИМА.**

100	Дар кадом кишвар протоколи Киото қабул карда шуд?
А	ИМА;
Б	Ҷопон;
В	Олмон;
Г	Фаронса.